Мактуби тавзеҳотӣ№6204/13-3 аз 09.11. 2012 сол

Мақомоти ҳудудии андоз

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба таҳлили фаъолияти соҳибкорӣ тариқи шаҳодатнома ва патент дар нӯҳ моҳи соли ҷорӣ ба маълумоти шумо мерасонад, ки гарчанде нисбат ба солҳои гузашта хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, баҳисобгирӣ, бақайдгирӣ ва ба андозбандӣ ҷалб намудани соҳибкорони инфиродӣ тариқи шаҳодатномаи соҳибкорӣ ва патент беҳтар гашта бошад ҳам, то ҳол дар баъзе аз мақомоти андози шаҳру ноҳияҳо корбарӣ дар ин самт беҳбудиро металабад.

Маблағи андоз бе назардошти хоҷагиҳои деҳқонӣ ба ҳисоби миёна ба як соҳибкори инфиродии тариқи **шаҳодатнома** фаъолияткунанда дар як моҳ дар Раёсати андоз дар **ВМКБ** агар дар соли 2011 дар як моҳ 151,85 сомонӣ рост ояд пас ин рақам дар соли 2012 ба 137,99 сомонӣ расидааст. Хусусан дар Нозироти андоз дар шаҳри Хоруғ 159,44/143,92 сомонӣ, Шуғнон 193,2/134,0 сомонӣ (шумораи шаҳодатномаҳо низ нисбат ба соли 2011 ба 10 адад маблағи андоз 57,3 ҳазор сомонӣ кам гаштааст), Рошткалъа 135,0/118,7 сомонӣ, Ишкошим 138,55/113,51 сомонӣ ва Мурғоб 92,2/59,7 сомонӣ кам гаштааст.

Раёсати андоз дар вилояти **Хатлон** дар Нозиротҳои андози ноҳияи Вахш агар дар соли 2011 маблағи андоз ба ҳисоби миёна ба як соҳибкори инфиродии тариқи шаҳодатнома фаъолияткунанда дар як моҳ 351,11 сомонӣ рост ояд пас ин рақам дар соли 2012 ба 318,43сомонӣ расидааст (маблағи андоз нисбат ба ҳамин давра 490,5 ҳазор сомонӣ кам гаштааст), ноҳияи А.Ҷомӣ шумораи шаҳодатнома ба 27 адад кам гаштааст, ноҳияи Балҷувон 188,89/151,48 сомонӣ ва н.Шуробод 200,79/192,78 сомонӣ кам гардидааст.

Раёсати андоз дар вилояти **Суғд** дар Нозиротҳои андози ноҳияи Исфара агар дар соли 2011 маблағи андоз ба ҳисоби миёна ба як соҳибкори инфиродии тариқи шаҳодатнома фаъолияткунанда дар як моҳ 410,47 сомонӣ рост ояд пас ин рақам дар соли 2012 ба 407,98 сомонӣ расидааст, шаҳри Хуҷанд 935,38/757,62 сомонӣ, н.Зафаробод 569,12/537,62 сомонӣ, н.Мастчоҳ 989,95/895,69 сомонӣ кам гардидааст.

Раёсати андоз дар шаҳри **Душанбе** дар Нозиротҳои андози ноҳияи Шоҳмансур агар дар соли 2011 маблағи андоз ба ҳисоби миёна ба як соҳибкори инфиродии тариқи шаҳодатнома фаъолияткунанда дар як моҳ 443,6 сомонӣ рост ояд пас ин рақам дар соли 2012 ба 427,1 сомонӣ расидааст, ноҳияи И.Сомонӣ 657,4/633,7 сомонӣ, ноҳияи Фирдавсӣ 463,1/386,4 сомонӣ ва ноҳияи Сино 440,0/430,0 сомонӣ кам гардидааст.

Шумораи Шаҳодатнома дар Шуъбаи андозсупорандагони миёна – супорандагони ААИ дар ш.Душанбе бошад назар ба ҳамин давраи соли 2011 - ум 43 адад кам гаштааст.

Дар **НТҶ** бошад агар дар Нозироти андоз дар шаҳри Ваҳдат соли 2011 маблағи андоз ба ҳисоби миёна ба як соҳибкори инфиродии тариқи шаҳодатнома фаъолияткунанда дар як моҳ 936,3 сомонӣ рост ояд пас ин рақам дар соли 2012 ба 619,9 сомонӣ расидааст, ноҳияи Варзоб 1241,3/590,0 сомонӣ, ноҳияи Рудакӣ 759,0/653,8 сомонӣ ва ноҳияи Шаҳринав 394,9/288,93сомонӣ кам гардидааст.

Таҳлили иҷроиши нақшаи воридоти андозҳо аз ҳисоби соҳибкороне, ки тавассути **патент** фаъолият менамоянд дар 9 моҳи соли ҷорӣ нишон дод, ки на ҳамаи мақомотҳои ҳудудии андоз аз иҷрои нақшаи воридоти андозҳо аз ин ҳисоб баромаданд, аз ҷумла;

- Раёсати андоз дар ВМКБ нақшаи нӯҳ моҳаи соли ҷориро 77,4% иҷро намуд, ки ба буҷет 226,0 ҳазор сомонӣ ворид нагардид, бояд қайд намуд, ки ҳамаи нозиротҳои андози Раёсати мазкур аз иҷрои нақша набаромаданд.
- Раёсати андоз дар вилояти Хатлон Нозироти андози ш. Қурғонтеппа-97,7%, Вахш-89%, Ҷиликул-97,4%, А.Ҷомӣ-89%, Қумсангир-97,9%, Панҷ-76%, Восе-95,4%, Фархор-75,4%, Темурмалик-50,4%, Ховалинг-93,9%,Муминобод-87,3%, Шуробод-86,8% аз иҷрои нақшаи патент набаромадаанд, ки аз ин ҳисоб ба буҷет 647,8 ҳазор сомонӣ ворид нагардид.
- Раёсати андоз дар вилояти Суғд Нозиротҳои андози н.Табошар-89,8%, Айнӣ-96,8%, Зафаробод-98,6% ва Шаҳристон 80,14% аз иҷрои нақша набаромаданд, ки аз ин ҳисоб ба буҷет 45,6 ҳазор сомонӣ ворид нагардид.
- Нозиротҳои андози ноҳияҳои тобеӣ ҷумҳурӣ иҷроиши нақшаро дар ин муддат 81,9% таъмин намуданд, ки аз ин ҳисоб ба буҷет 1846,3 сомонӣ ворид нагардид. Ба истиснои нозиротҳои андози ш. Роғун, н. Тавилдара ва Тоҷикобод дигар ягон нозироти андози районҳои тобеӣ ҷумҳурӣ аз иҷрои нақшаи вогузоршуда баромада натавонистанд .

Таҳлил ва санҷишҳо дар Нозиротҳои андози шаҳри Қурғонтеппаи вилояти Хатлон, ноҳияи Ҳисор, ноҳияҳои Шоҳмансур ва Фирдавсии шаҳри Душанбе оиди дуруст истифодабарии варақаҳои патент ва шаҳодатномаи соҳибкорӣ, пешниҳоди ҳисоботҳо ва эъломияҳои андоз ва тартиби дурусти ба андозбандӣ ҷалб намудани андозсупорандагон нишон дод, ки ҳоло ҳам дар ҷойҳо нозирони минтақавӣ ва шахсони масъул масъулиятнокиро ҳис накарда ба хатогиҳо даст задаанд. Ҳолатҳои ба нуқтаҳои статсионарии савдо додани патент, нодуруст дарҷ

намудани фаъолияти соҳибкорӣ дар ҳуҷҷатҳои дахлдор, моҳҳои дароз напардохтани маблағи патент ва пешниҳод накардани эъломияҳо ва ҳисоботҳои андоз аз ҷумлаи хатогиҳое мебошад, ки дар рафти санҷиш ва таҳлилҳо ошкор гардидаанд.

Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №451 аз 31.08.2012 «Дар бораи тасдиқи қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, кидар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд» тартиби додани ҳуҷҷатҳои дахлдорро тибқи Номгӯй вобаста ба намудҳои фаъолият ҷудо гардидааст ба инобат дар оянда ҳангоми ҳуҷҷатгузорӣ ба хатогиҳо роҳ надиҳед.

Аз ин лиҳоз ба Шумо супориш дода мешавад, ки аз далел ва рақамҳои овардашуда хулосабарорӣ намуда маблағҳои андози аз ҳисоби Патент ва Шаҳодатномаи соҳибкорӣ пардохтнагардидаро ба буҷет таъмин намоед. Манбаҳои андозбандии нав дарёфт намуда аз ин ҳисоб воридоти маблағҳои ба буҷет воридгардида то 140% афзоиш диҳед. Афзоиши воридоти маблағҳои андоз барои иҷроиши нақшаи соли 2013 замина гардида раванди таъминоти нақшаҳо ва мушкилотҳои ҷойдоштаро дар ин самт осон мегардонад.

Раис Н. Давлатов